# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26.07.2024, №45**

Барои сазовор донистани Зарифзода Зоир Кулмаҳмад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

Диссертатсияи Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи “Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ санаи 24 майи соли 2024 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №59 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/ш.д. таъсис дода шудааст.

Зарифзода Зоир Кулмаҳмад соли таваллудаш 21.05.1987, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2010 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намуда истодааст.

Солҳои 2005-2010 дар Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав) таҳсил намуда, онро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит ҳамчун мутахассис хатм намудааст.

Аз соли 2014 то соли 2018 дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси унвонҷӯй таҳсил карда, онро аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (Иқтисоди минтақавӣ) хатм кардааст.

Мавзуи диссертатсияи Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30-юми ноябри соли соли 2021, суратҷаласаи №4 иваз карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Пиризода Ҷалил Сафар**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

- Аминов Иномҷон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – аъзои шурои диссертатсионӣ.

- Сайдалиев Хуршед Амирхонович доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт, ходими пешбари илмӣ – дотсенти Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатиии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ Исматуллоев И.У. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси №11 аз 10 июни соли 2024) ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, Назарзода Хайрулло Холназар, тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи "Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, буда, муаллифи он Зарифзода Зоир Кулмаҳмад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсияи худ дар умум 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба чоп расонидааст:

**Феҳристи интишороти илмии довталаб доир ба мавзуи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Зарифзода З.К. Танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори озуқавории минтақа [Матн] / Зарифзода З. К. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар – 2023. - №1-4 (116), Қисми 2. - С. – 62-74. ISSN 2663-5534

[2-М]. Зарифзода З.К. Асосҳои методӣ ва усулҳои таҳқиқоти бозори озуқаворӣ [Матн] / Пиризода Ҷ.С., Зарифзода З. К. // Паёми Донишгоҳи

давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар – 2023. - №1-4 (116), Қисми 1. - С. – 142-151. ISSN 2663-5534

[3-М]. Зарифзода З.К. Омилҳои ташаккули арза ва тақозо ба маводҳои озуқаворӣ [Матн] / Зарифзода З. К., Валиев Н.Ш. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. 3 (48) – С. 56 - 65. ISSN 2308-054X

[4-М]. Зарифзода З.К. Бозори озуқаворӣ ҳамчун воситаи таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Пиризода Ҷ.С., Зарифзода З.К. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Душанбе – 2022. - №3 (110) - С. – 112 – 121. ISSN 2663-5534

[5-М]. Зарифзода З.К. Мировой опыт государственного регулирования агропродоволь-ственного рынка [Текст] / Зарифзода З.К. // Вестник Таджикского национального университета серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе 2019. - № 4 часть 1 - С. 116 - 121. ISSN 2413-5151

[6-М]. Зарифзода З.К. Место и роль импортозамещения в обеспечении продовольственной безопасности Республики Таджикистана [Текст] / Зарифзода З.К. // Вестник Таджикского национального университета серия социально - экономических и общественных наук. - Душанбе 2019. - № 10 часть 2 – С. 195-198. ISSN 2413-5151

[7-М]. Зарифзода З.К. Маркетинг – омили муҳимми афзоиши истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ [Матн] / Зарифзода З.К. // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Бохтар, 2018. - №1/4 (57) - С. 131 - 136. ISSN 2663-5534

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-М]. Зарифзода З.К. Сайёҳӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт [Матн] / Зарифзода З.К. // Конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ» Бохтар, 2018. - С.218-221.

[9-М]. Зарифзода З.К. Аҳамияти қарзи бонкӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ [Матн] / Зарифзода З.К. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ ва соли ҷавонон таҳти унвонӣ «Рушди босуботи комплекси агросаноатӣ-омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Қӯрғонтеппа, 2017. – С. 251-254.

[10-М]. Зарифзода З.К. Соҳибкори инфиродӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ [Матн] / Зарифзода З.К. // Анҷумани якуми

байналмилалии иқтисодӣ «Имконияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди вилояти Хатлон» - Душанбе, 2012. С. 140-148.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев,** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: Унвонҷӯ масъалаҳои назариявии бозори озуқавориро таҳқиқ намуда, дар навгонии 1 таърифи муаллифиро пешниҳод намудааст. Аммо хубтар ва беҳтар мешуд агар унвонҷӯ дар матни автореферат ҷадвал оид ба омӯзиши ин таърифҳоро таҳия менамуд .

**2. Комилов Абубакр Қосимович - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Дар автореферат вобаста ба мушкилотҳои имрӯзаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва вобаста ба он дархосту пешниҳодҳои худро мушаххас менамуд. 2) Таъмини устувории суботи бозори озуқавориро дар алоҳидагӣ бояд таҳқиқ менамуд.

**3. Лутфулоев Мазбутҷон Давронович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,** бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1) Муаллиф дар автореферат танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар бозори озуқавории минтақаро мавриди омӯзиш қарор додааст, хуб мешуд агар вобаста ба фишангҳои танзими бозори озуқавории минтақа муфассалтар пешниҳодҳо менамуд. 2) Дурнамои рушди маводҳои асосии озуқавории минтақа дар кор хеле хуб пешниҳод гардидааст, дар баробари ин агар таркиби молии гардиши савдои чакана низ дурнамои карда мешуд, сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид.

**4. Рузибоев Ҳусейн Гулмуродович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияи маснуоту нассоҷӣ-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,** бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1) Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар дар кор муаллиф аз усулҳои гузаронидани пурсишномаҳо ва анкетакунонӣ дар байни соҳаҳои гуногун, сатҳи қаноатмандии онҳо аз бозори озуқаворӣ истифода менамуд. 2) Дар саҳифаи 22 автореферат пешгӯйии ҳаҷми гардиши чаканаи молҳои озуқаворӣ дар вилояти Хатлон аз рӯйи модели риёзӣ- иқтисодии регрессионии бисёромила таҳия ва асоснок гардидааст, аммо таъсири омилҳоро (мусбат ё манфӣ) нокифоя шарҳ додааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор

дар доираи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, алалхусус, вобаста ба соҳаи бозори минтақавии озуқаворӣ мебошад. Мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илмие пешниҳод шудааст, ки бозори озуқавории минтақавӣ аз шабакаи мураккаби ҳамкориҳои иқтисодӣ байни истеҳсолкунандагон, миёнаравҳо, чаканафурӯшон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ дар минтақаи муайяни кишвар иборат буда, дорои вижагиҳои хоси худ мебошад, ки бо хусусиятҳои иқтисодиети минтақавӣ, омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, инчунин хусусиятҳои инфрасохторӣ муайян карда, онҳо метавонанд аз як минтақа ба минтақаи дигар ба таври назаррас фарқ кунанд ва ин муносибати инфиродӣ ба таҳлил ва рушди ҳар як бозори озуқавории минтақавиро талаб мекунад.

- ***пешниҳод шудааст: а)*** таърифи муаллифӣ бо чунин мазмун, ки “бозори озуқаворӣ - маҷмуи муносибатҳои иқтисодист, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ дар асоси мубодилаи эквивалентии қонуни арзиш равона карда шудааст”; б) талабот ва пешниҳод (тақозо ва арза) ҳамчун категорияҳои асосии бозори озуқавории минтақавӣ тавассути равандҳои гардиши мол амал карда, маҳз робитаи ин категорияҳо тағйироти сохториро дар соҳаи истеҳсолот ба вуҷуд оварда, ба нархгузорӣ таъсир мерасонад ва ҳаракати сармояро байни соҳаҳо ҳавасманд мекунад.

- ***исбот шудааст***: а) хусусиятҳои омилҳои зиёди таъсиррасони мусбат ва манфӣ ба тақозо ва арза дар бозори озуқаворӣ пешниҳод шудааст, ки аз ҷониби муаллиф онҳо ба гурӯҳҳои нисбатан калон, ба монанди иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, технологӣ, рӯҳӣ, табиӣ-иқлимӣ ва дигар омилҳо бо ҳадафҳои илмӣ ва таҳлилӣ қисмат карда шудаанд; б) механизмҳои иқтисодии ташаккули тақозо ва арза дар бозори минтақавии озуқаворӣ дар раванди рушди иқтисодиёт аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

- ***ҷорӣ намудани*** 1) технологияҳои замонавии истеҳсол ва коркарди маҳсулот, инфрасохтори мусоиди муосир ва рушду ташаккули он доир ба фаъолгардонии тақозои аҳолӣ ба маводҳои озуқаворӣ, рақобаттавонии бозори минтақавии озуқаворӣ; 2) талаботи аҳолӣ ва пешниҳоди маҳсулот дар

бозори озуқавории минтақа бояд бо якдигар дар вобастагии баробарӣ қарор дошта бошанд, аммо, талаботи пардохтпазири аҳолӣ ба пешниҳоди маҳсулот дар як давраи муайян таъсиргузор мебошад ва андозаи онро афзоиш ё паст мекунад ва дар баробари ин, майлу хоҳиши тақозои харидорон - ин омил ба андоза, сохтор ва нархи маҳсулоти озуқа дар муҳити муайяни бозори озуқаворӣ мусоидат мекунад

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот бадастомада барои баландбардории самаранокии бозори озуқаворӣ ва дигар сохторҳои таркибии иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ асосҳои усулӣ ва амалӣ хоҳанд гашт.

- ***методикаи*** вобаста ба омӯзиши масъалаҳои иқтисодии зерсохтори бозори озуқаворӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳодҳои амалию илмӣ оиди он тавсия асоснок гардидааст. Барои ташаккул ва рушди зерсохтори бозори минтақавии озуқаворӣ дар вилояти Хатлон ҷалби сармояи хориҷӣ, гирифтани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати бонкӣ, ба даст овардани иттилооти маркетингӣ, тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ, таъмин бо ашёи хом, рушди низоми логистикӣ, фурӯш, хоҷагии анбор, хизматрасонии нақлиётӣ ва ғайраҳо зарур дониста шудаанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ҳамчун олоти таҳқиқ ҳангоми коркард ва таҳлили рақамҳо усулҳои таҳқиқоти мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, сотсиологӣ, анализу синтез, иқтисодию оморӣ **самаранок** истифода шуданд.

- ***баён шудааст, ки:*** 1) самтҳои асосии стратегӣ тибқи амсилаи рушди нишондиҳандаи бозори озуқавории минтақа то соли 2030, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва таъмини дастрасии иқтисодию ҷисмонии озуқавории вилояти Хатлон таҳия ва аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок карда шудааст; 2) бо мақсади муайян кардани омилҳое, ки ба ҳаҷми гардиши молҳои озуқаворӣ дар бозор таъсир мерасонанд, муаллиф дар асоси таҳлили маҳсулоти озуқаворӣ дар вилояти Хатлон дурнамои ҳаҷми истеҳсоли онро то соли 2030 вобаста аз истифодаи муодилаи бисёромилаи коррелятсионӣ-регрессионӣ асоснок ва пешниҳод намудааст.

- ***ошкор гардидани*** тамоюли аз ҳисоби молҳои воридотӣ таъмин гардидани як қисми талаботи аҳолии вилоят: а) дар шароити имрӯза дар в. Хатлон маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсолу коркарди он ҳамчун захираҳои дохилии бозори минтақавии озуқаворӣ шароит муҳайё месозад, ки талаботи рӯзмара ба баъзе маҳсулотҳои хӯрока таъмин гардад; б) маҳсулоти дигари кишоварзии хислати озуқаворидошта (картошка, меваҷоту ангур) ба меъёри истеҳсолу истеъмол наздик мешаванд, ки дар оянда метавонанд пурра талаботи аҳолии вилояти Хатлонро таъмин кунанд.

- ***омӯхта шуданд:*** ҳоло садди роҳи пешрафти истеҳсол ва савдои молҳои озуқаворӣ омилҳои гуногун, аз ҷумла: кам будани сармояи гардони худӣ, дараҷаи нисбатан зиёди меъёрҳои андозу иҷора ва фоизи қарзҳои бонкӣ, кам будани истеҳсолти маҳсулотҳои ватанӣ дар бозори дохилии озуқаворӣ, нисбатан паст будани даромадҳои пулии аҳолӣ ва ғайра дохил мешаванд.

- ***аз нав такмил додани методикаи*** хусусиятҳои омилҳои зиёди таъсиррасони мусбат ва манфӣ ба тақозо ва арза дар бозори озуқаворӣ пешниҳод шудааст, ки аз ҷониби муаллиф онҳо ба гурӯҳҳои нисбатан калон, ба монанди иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, технологӣ, рӯҳӣ, табиӣ-иқлимӣ ва дигар омилҳо бо ҳадафҳои илмӣ ва таҳлилӣ қисмат карда шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомадаро сохторҳои марбути соҳаи озуқаворӣ, дар фаъолияти кории худ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини рақобатпазирӣ истифода намоянд.

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди таълимии фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Маркетинг», «Иқтисодиёти КАС», «Иқтисодиёти миллӣ» ва «Иқтисодиёти корхонаҳои савдо» истифода шудаанд (санади тасдиққунанда аз ДДБ ба номи Носири Хусрав №19 аз 08.06.2023 мавҷуд аст).

- ***муайян карда шуданд*** тавсияҳои амалӣ оид ба такмили зерсохтори фаъолияти бозори минтақавии озуқаворӣ дар шароити ташаккули иқтисоди инноватсионӣ пешниҳод шудааст, ки ин ба механизми маркетингӣ ва нав кардани он, ҳамлу нақл дар бозор, механизми ахбороти корпоративӣ, бунёди фондҳои лизингӣ, мукаммал гардонидани зерсохтори нақлиётӣ ва ғ. таъмин мегардад.

- ***офарида шуд:*** дурнамои нишондиҳандаҳои муҳимми бозори озуқаврии вилояти Хатлон дар асоси истифодаи муодилаи иқтисодию риёзӣ то соли 2030 иҷро шуда, роҳҳову самтҳои бартаридоштаи стратегияи ташаккул ва рушди бозори озуқаврии вилоят.

- ***муаррифӣ карда шуданд:*** 1) арзёбии ҳолати муосири бозори озуқаворӣ; 2) тавсияҳои амалӣ оид ба такмили зерсохтори фаъолияти бозори минтақавии озуқаворӣ; 3) роҳҳову самтҳои бартаридоштаи стратегияи ташаккул ва рушди бозори озуқаврии вилоят.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- **назарияи** унсурҳои марказии бозори озуқаворӣ – талабот ба аҳолӣ, пешниҳоди молҳо ва нарх – омилҳои муҳимтарин ва зарурии рушд, инчунин талабот ба аҳолӣ ва пешниҳоди маҳсулот мебошанд.

- **ғоя** ба муқаррароте асос ёфтааст, ки танзими бозори озуқаврии минтақа, истифодаи муносибатҳои нави бозорӣ, ҳифз ва нигоҳдории заминҳои таъйиноти

кишоварзӣ ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ҷалби бештари сармояҳои дохилию хориҷӣ ба рушди минтақа дар сатҳи вилоят, танзими бозори истеъмолӣ, истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулоти кишоварзӣ ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ ба таъмини амнияти озуқаворӣ оварда мерасонад.

- **истифодаи** чораҳои танзим ва дастгирии иқтисодиёти минтақа аз ҷониби давлат тавсия гардида, оид ба сармоягузориҳо, ҷустуҷӯи сарчашмаҳои молиякунонӣ, истифода ва сафарбарнамоии онҳо барои ташаккули босуръат ва рушди босуботи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон тавсияҳо коркард ва пешниҳод шудаанд.

- **муайян карда шуд:** 1) бо ёрии тавозуни (баланси) маҳсулоти озуқаворӣ сатҳи таъмини талаботи ҳар як нафар аҳолии кишвар ба маҳсулоти озуқа ҳисоб кардан мумкин аст; 2) тавозуни маҳсулоти озуқаворӣи номбаршуда дар мавридҳои бештар барои як сол омода ва таҳия гардида, дар он маҳсулотҳои озуқаворӣ дар шакли умумӣ ва истифодаи он дар як давраи аниқу муайян асоснок карда мешавад; 3) таҳияи чунин тавозун имконият медиҳад, ки дар оянда барои таъмин намдуни талаботҳои пардохтпазири аҳолӣ аз тарафи мақомотҳои дахлдорӣ соҳавӣ корҳои зарурӣ анҷом дода шавад. Автореферати диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” мутаносибан сатҳи онро 86,25% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) дар таҳқиқот унвонҷӯ ҷанбаҳои назариявию услубӣ ва амалии рушди бозори озуқаворӣ бо назардошти ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ таҳқиқ намуда, бо ҳамин саҳми худро дар мукаммал шудани донишҳои марбут ба иқтисодиёти минтақавӣ аз дидгоҳи хусусиятҳои ҳудудии он гузоштааст; 2) унвонҷӯ мақсад ва вазифаҳои гузоштишударо доир ба масъалаҳои ташаккул ва рушди бозори озуқворӣ иҷро намуда, тавсия ва пешниҳодҳои илман асоснокро иброз доштааст; 3) Дар рафти таҳқиқ ва омӯзиши мавзуи мазкур бо омода намудани 10 мақола, ки аз онҳо 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, собит намудааст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи “Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)”, кори мукаммалу баитмомрасидаи илмӣ ва тахассусӣ буда, мустақилона анҷом дода шуда, мубрамию унсурҳои навгонии илмӣ дорад ва муаллиф дар илман асосноккунии назария ва амалияи ташаккул ва рушди бозори минтақавии озуқаворӣи вилояти Хатлон, дар заминаи саҳми худро гузошта, барои бартарафсозии як қатор мушкилоти соҳа мусоидат намудааст. Диссертатсия ба бандҳои 1, 6, 9, 24-и Шиносномаи

ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 26.07.2024 қарори сазовор донистани Зарифзода Зоир Кулмаҳмад ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 нафар, аз ҷумла, докторони илм 10 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар иштирок доштанд. Ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ овоз доданд: «Тарафдор» - 11 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**